# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзуи “Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)” аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг)**

аз 16 декабри соли 2024 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Шаропов Ф.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – раиси комиссия; Ҷумъаев Б.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент - аъзои комиссия, Исмоилов А.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович хулосаи зеринро қабул намуд:

1. Мавзӯъ таҳқиқоти диссертатсионии Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзуи “Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)” аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) актуалӣ ва рӯзмарра буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ҳалли масоили афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии ташаккул ва рушди фаъолияти маркетингиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарбар гирифтааст.

Дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозорӣ субъектҳои иқтисодӣ объекти асосии идоракунӣ ба ҳисоб рафта, доираи фаъолияти хоҷагидории онҳо амалан номаҳдуд аст, вале комилан ба қобилияти корӣ, мутобиқ шудан шароити тағйирёбандаи муҳити бозорӣ ва самаранокии фаъолият вобаста буда, бо баргузории тадқиқотҳои маркетингии бозор зич алоқаманд аст.

Таҷрибаи тӯлонии мамлакатҳои пешрафта дар самти тадқиқотҳои маркетингӣ исбот сохтааст, ки дар шароити рақобат танҳо самаранок амалисозии хизматрасониҳои маркетингӣ ба субъектҳои бозор имкон медиҳад масъалаи фурӯши мол ва хизматрасониҳоро босамар ҳал намоянд, ки барои бахши соҳибкории экологӣ низ муҳим ба шумор меравад, зеро хизматрасониҳои маркетингии ин соҳа метавонанд барои фаъолияти

минбаъдаи он ва ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Бешубҳа, метавон гуфт, ки ҳар як корхона ва субъекти хоҷагидорие, ки ба тиҷорат машғул аст, ба пешбурди самараноки фаъолияти маркетингӣ манфиатдор буда, он бояд имкониятҳои бозорро таҳлил карда, омӯзад, бозорҳои мақсаднокро интихоб карда, ҳамгироии самарабахши маркетингро бо дигар самтҳои фаъолияти худ инкишоф диҳад. Корхонаҳо метавонанд татбиқи фаъолияти маркетингиро самаранок идора кунанд.

Соҳибкории экологӣ, бидуни истисно, тамоми намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ оид ба истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои гуногунро дар бар гирифта, бояд риояи талаботи экологии муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаро таъмин намояд. Аз ин нуқтаи назар, амалисозии фаъолияти маркетингӣ дар соҳибкории экологӣ ва такмилу ташаккули он яке аз масъалаҳои мубрами рӯз мебошад, ки аз олимону тадқиқотчиён омӯзишу пешниҳоди роҳу усулҳои нави таҳқиқи бозорро талаб менамояд. Муаллиф низ кушиш намудааст, ки дар ин самт саҳмгузор бошад, ки ин боиси дастгирист.

Мавзуи рисолаи интихобшуда, ки ба фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ бахшида шудааст, дар шароити муосир хеле муҳим дониста мешавад. Аҳамияти иловагии таҳқиқот аз таваҷҷуҳи бештар ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути фаъолияти маркетингӣ вобаста аст, ки ин асоси мубрамияти мавзуъро ташкил медиҳад. Зарурати такмили тадқиқотҳои маркетингӣ дар соҳибкории экологӣ инчунин аз он бармеояд, ки бояд нақши он дар таъмини устувории экологӣ дар мамлакат торафт бештар гардад.

Аз ин нуқтаи назар, зарурати таҳқиқи муаммоҳои муосири ташаккул ва рушди фаъолияти маркетингии ба соҳибкории экологӣ нигаронидашуда, муайянсозии омилҳои ташаккулдиҳандаи таҳқиқотҳои маркетингии муосир, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии амалисозии тадқиқотҳои маркетингӣ, муайянсозии самтҳои асосии такмили фаъолияти маркетингӣ дар самти соҳибкории экологӣ мубрамияти мавзуи таҳқиқотии интихобшударо нишон медиҳанд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба итмом расонида шуда, дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии

кафедраҳои идоракунии молияи давлатӣ ва менеҷменти муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз аз 26 июни соли 2023, №295)тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи соҳибкорӣ ба шумор меравад, диссертатсия бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 6D051100 - Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми апрели соли 2023 (№63/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)» аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Аминов Иномҷон - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- Ҳамитов Муҳитдин Сайдалиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг, сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3). Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
**д.и.и., дотсент** **Ҷумъаев Б.М.**
**н.и.и, дотсент** **Исмоилов А.А.**

*Имзои аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям*

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**